Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 017 - и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзуи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - 08.00.13. - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ**

Ҷузъи муҳими амнияти миллии кишвар дар шароити тамоюлҳои муосири ҷаҳонишавӣ таъмини амнияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, чунин ҳамкории мутақобилаи байни худи ниҳодҳоеро дар назар дорад, ки онҳо ба раванди сармоягузорӣ масъул буда, дар он рушди устувори иқтисодиёти кишвар амалӣ карда мешавад, ки якчанд сабабҳои асосии худро дорад. Зарурати истифодаи равиши институтсионалӣ дар таҳлили қонуниятҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар марҳилаи имрӯзаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ руйдиҳанда мубрам гардида, аз омилҳои зерин вобаста аст. Якум, ин ки пеш аз ҳама, дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар сохтори худ ба тағйирот дучор мешавад, ки ба барқароршавии иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ алоқаманд аст. Дуюм, ҷаҳонишавӣ ба дигаргуншавии таркиби институтҳои амалкардаистодаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ба ташаккули сохторҳои нави институтсионалӣ меоварад, ки ба ҳифзи манфиатҳои кишварҳо нигаронида шудаанд. Сеюм, ҷаҳонишавӣ робитаҳои мутақобила ва вобастагии мутақобилаи иқтисодиёти кишварҳои мухталифро тақвият мебахшад ва бинобар ин, сармоягузорон ҳангоми интихоби объект барои сармоягузории байналмилалӣ кишварро вобаста ба сатҳи рақобатпазирии байналмилалӣ ва ҷолибияти он барои сармоягузориҳои ҷаҳонӣ интихоб мекунанд. Ҳамчунин, дар айни замон тағйирёбии самти ҷаҳонишавӣ ба ҷониби таъсис додани иттиҳодияҳои минтақавии хамгироӣ ба назар мерасад, ки ба амнияти сармоягузории давлат таъсир мерасонад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки дар тӯли 31 соли рушди соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон таҷрибаи муайяни ҷалби сармояи хориҷӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки таҳлил ва истифодаи онҳо дар марҳилаи кунунӣ дар баробари таҷрибаи хориҷӣ, метавонад дар асосноксозии усулҳо ва ташкили сиёсати давлатии сармоягузорӣ муфид бошад, ки ба таъмини шароит барои сармоягузории хориҷии бехатар дар давраи шиддатгирии рақобати байналмилалӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо дар шароити глобализатсияи муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳоншавии робитаҳои хоҷагӣ, таъсири механизми давлатии ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузорон, омилҳои институтсионалии дохилӣ ва хориҷии таъмини амнияти

сармоягузории хориҷӣ омӯхта нашудаанд, ки интихоби мавзуи таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон, хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин, низ аҳамият медод:

- дар саҳифаи 36-уми автореферат муаллиф самтҳои стратегии ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки диққати асосиро ба рушди гидроэнергетика, саноати истихроҷи маъдан, азнавсозии корхонаҳои саноати сабук ва нассоҷӣ дар асоси коркарди пурраи нахи пахта, ташкил ва таҷдиди корхонаҳо оид ба коркард ва нигоҳ доштани сабзавоту мева, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти бастабандӣ равона намудааст. Хуб мешуд, муаллиф, инчунин, дар бораи фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба коркарди дубора ва азнавкоркардабароии партовҳои саноатию хоҷагиҳои коммуналӣ-манзилӣ, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар буда, як раванди нави инноватсионӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, низ рақаму далелҳо оварда асоснок менамуд, боз ҳам мазмуну мундариҷаи автоpефератро бою ғанӣ мегардонид.

Пешниҳоди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати диссертатсия таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзуи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Нишонии донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935114316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.